«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор
__________Насриддинзода Э.С.
«_29_» ____10____2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шӯравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз руйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шӯравӣ ва давраи истиқлол» ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон марҳалаи комилан нав дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик ба вуҷуд омад. Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузурги миллати тоҷик ба шумор рафта, дар шароити соҳибистиқлолӣ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи таъриху фарҳанг ва соҳаҳои ҷудогонаи он барои доираҳои илмӣ ба вуҷуд омад. Ин ҳолат барои рушди таърихнигории халқи тоҷик ва ташаккули таърихи ватанӣ заминаи мусоидро фароҳам намуд. Зеро соҳибистиқлолӣ ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, метод ва усулҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба вижа маводи бойгонӣ имконияти фаррох ва вусъати тоза бахшид. Баробари ин, таърих ва донишҳои таърихӣ ба воситаи муҳимтарини худшиносии миллӣ, вахдат ва ягонагии ҷомеаи кишвар табдил ёфтанд.

Омили созанда ва афзояндаи мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар ин, пеша аз ҳама таваҷҷӯҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабакҳои таърихӣ, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Ҳамзамон дар замони соҳибистиқлолӣ дар таърихи миллати тоҷик баъди чандин аср манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлат мақоми калидӣ гирифт ва ин имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон дар пайгирӣ аз

сиёсати Сарвари давлат бо назардошти манфият ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногун ва норӯшани таърихи миллат ҳаракат намоянд.

Махсусан, дар ин раванд таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони соҳибистиқлолӣ мақоми тоза ва вижа пайдо намуд. Аз ҷумла, мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара равона шудааст, қадаме дар ин самт мебошад. Рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди ноҳия Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст.

Ноҳияи Данғара соли 1932 дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб таъсис ёфта, дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ва ҶШС Тоҷикистон тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳода, ба як минтақаи комилан пешрафта табдил ёфтааст. Ноҳия вобаста ба зуд–зуд тағйир ёфтани сохтори маъмурии ҷумҳурӣ борҳо аз тобеяти як вилоят ба вилояти дигар гузаштааст. Аз ҷумла, соли 1944 аз ҳайати вилояти Кӯлоб ба тобеияти вилояти Қӯрғонтеппа, вале соли 1947 аз нав ба ҳайати вилояти Кӯлоб ҳамроҳ гардидааст. Новобаста аз ин ноҳия дар замон шуравӣ аз як минтақаи рушднаёфтаи Бухорои Шарқӣ ба ноҳияи пешрафта ва яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзӣ табдил ёфт. Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия комилан дучори таҳаввулот гардид.

Боиси зикри хос аст, ки рушду инкишофи ҳамаҷонибаи ноҳияи Данғара асосан ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Данғара дастовардҳои бузург дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ ба вуҷуд омадааст. Ин раванд зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияро ба миён оварда, кори диссертатсионии пешниҳодгардида омилҳои рушд, дастовардҳои соҳаҳои гуногун дар ноҳия ва дурнамои онро ошкор менамояд. Ҳамзамон дар диссертатсия ба масъалаи рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар замони ҳокимияти шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷӯҳ гардида, ҷанбаъҳои гуногуни масъалаи мазкур ошкор карда мешавад, ки ин муҳиммияти мавзуи диссертатсиониро ташкил менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ роҷеъ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони Шуравӣ ва Истиқлол (1921–2021) таҳқиқоти маҷмуии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи давраи навтарини яке аз калонтарин ноҳияҳои ҷумҳурӣ, маркази калони агросаноатии кишвар ноҳияи Данғараро пешниҳод намудааст.

Диссертант тавонистааст доираи васеи манобеъ – ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти

илмиро истифода бурда, онҳоро бо усули таърихию муқоисавӣ мавриди таҳлил бидиҳад. Ҷанбаҳои муҳим, аз қабили таъсиси ноҳияи Данғара, раванди саноатигардонӣ, тағйироти иҷтимоӣ, рушди маориф ва фарҳанг дар ду давраи таърихӣ, бо таҳлили амиқ, бо асноду далелҳо, инъикос ёфтаанд. Муаллиф хулосаҳои умумии илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро рӯи коравардааст, ки қобилияти мустақилонаи ӯро дар коркарди мавзуъ собит месозад.

Автореферати диссертатсия, гузориш ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи Шодмонзода Орзу Шодмон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии аз он иборат аст, ки бори нахуст ташкилёбии ноҳияи Данғара, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ба маркази калони кишоварзию саноатӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Гарчанде таҳқиқот ду марҳалаи таърихиро фаро мегирад ва онҳо аз рӯи хусусиятҳои худ тафовут доранд, вале маҳз дар ҳамин давра дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара таҳаввулоти куллӣ ба миён омад, ки он инъикоси воқеии худро дар нуктаҳои зерини рисола пайдо намудаст:

- бори нахуст омилҳои асосии рушди иқтисодӣ - истеҳсолии ноҳияи Данғара дар ду марҳалаи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд;
- ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ бори нахуст ба таври мукаммал матраҳ ва тавсиф ёфт;
- сарчашмаҳо ва роҳҳои асосии рушди иқтидори истеҳсолии ноҳияи Данғара, ҳамчун маркази калонтарини кишоварзӣ таҳқиқ гардид;
- таъсири буҳрони сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии охири дарваи шуравӣ ва ибтидои замони истиқлол ба вазъи умумии ноҳия ба доираи таҳқиқ кашида шуд;
- таҳаввулоти ҷиддии микдорию сифатии дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол ба вуқуъ омада, мавриди таҳлилу ташхис қарор гирифт;
- омилҳо ва заминаҳои асосии ба як маркази саноатии ҷумҳурӣ табдил ёфтани ноҳияи Данғара мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;
- самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла макотиби олии ноҳия ва раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар замони истиқлол омӯхта шуданд;
- нақши муассисаҳои фарҳангии ноҳия дар тарбияи ҷаҳонбинии дунявӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию миллӣ, болоравии сатҳи маърифати аҳолии ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ муайян гардиданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиии таҳқиқот.** Бори аввал дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгониҳо, маълумоти омориву санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол (1921-2021) мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, махсусан омӯзиши таърихи давраи навтарини халқи тоҷик ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мусоидат хоҳад намуд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд.

Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани вазъи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлол (1921–2021) ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи кишвар, вилояти Хатлон метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ роҷеъ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони Шуравӣ ва Истиқлол (1921–2021) таҳқиқоти маҷмӯии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи давраи навтарини яке аз калонтарин ноҳияҳои ҷумҳурӣ, маркази калони агросаноатии кишвар ноҳияи Данғараро пешниҳод намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқамананданд, 15 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз он 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон кори мустақилона анҷомдода ба шумор рафта, аз соли 2017 то ин ҷониб таҳқиқот сурат гирифтааст. Диссертатсияи пешниҳодгардида дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳрасти манобеъ ва адабиёти истифодашуда (бо 359 номгӯй) иборат мебошад.

Муқаддимаи рисола яке аз бахшҳои муҳим ва муфассалтарини он буда, асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян мекунад. Дар он зарурати омӯзиши таърихи ноҳияҳо ҳамчун омили таҳкими худшиносии миллӣ асоснок мегардад.

Боби якуми рисола **«Таъсисёбии ноҳияи Данғара ва аввалин дигаргунсозиҳои сиёсиву иқтисодӣ»** ба марҳалаи аввали идорӣ, ташаккули ноҳияи Данғара бахшида шуда, ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва

иҷтимоии таъсиси ин воҳиди маъмуриро дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Боб аз ду зербоб иборат аст, ки ҳар кадом як марҳалаи муҳимми таърихии ташаккули ноҳияро инъикос мекунанд. Дар зербоби аввали боби якум **«Таъсисёбии ноҳияи Данғара ва ташаккули низоми идоракунии он»** муаллиф ба таҳлили амиқи ҷанбаҳои таърихию ҷуғрофии ноҳия мепардозад. Дар оғоз маънои этимологии вожаи «Данғара» бо истинод ба тадқиқоти А. Девонақулов, Ю. Ёқубов, Умари Шерхон ва дигар муҳаққиқон шарҳ дода мешавад. Дар заминаи ташреҳи донишмандон ба қавли вожаи мазкур аз решаҳои паҳлавӣ ва ориёӣ баромада, маъноҳои гуногун — «ҷойи шодӣ», «ҷойгоҳи зироат», «даромадгоҳи кӯҳистон» ва «макони фароғат»-ро дорад. Ин шарҳи этимологӣ на танҳо хусусияти забоншиносӣ дорад, балки ба таври рамзӣ мавқеи ҷуғрофию табиии ноҳияро низ тавзеҳ медиҳад.

Минтақаи Данғара, тибқи маълумоти бостоншиносон, аз қадим макони зисти инсон будааст. Муаллиф бо такя ба маълумоти бостоншиносӣ аз мавҷудияти шаҳракҳо ва ёдгориҳои қадимӣ мисли Золи Зар, Булён, Пушинг, Кангурт, Тоҷқалъа ва Қалъаи Хусрав ёдовар мешавад. Ин шаҳракҳо, ки бо хишти пухта ва гач бунёд ёфта буданд, шаҳодат медиҳанд, ки Данғара яке аз марказҳои обод ва фарҳангии давраи асрҳои миёна будааст.

Сипас муаллиф ба давраи фурӯпошии Бухорои Шарқӣ ва таъсири инқилоби октябр ба минтақа рӯ меорад. Дар ин бахш раванди густариши ҳаракатҳои зиддишӯравӣ, ҷангҳои босмачигарӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ тавсиф карда мешавад. Муаллиф менависад, ки сокинони Данғара мисли дигар қисматҳои Кӯлобу Ҳисор дар муборизаҳои солҳои 1915–1922 иштирок карда, баъди шикасти босмачигарӣ дар соли 1922 ҳокимияти шӯравӣ ниҳоят барқарор шуд.

Дар зербоб таъсиси аввалин мақомоти маъмурӣ ва сохторҳои шӯравӣ низ таҳлил шудааст. Ба гуфтаи муаллиф, пас аз тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924 ва таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШС ТТ), ноҳияи Данғара соли 1932 ҳамчун воҳиди мустақили маъмурӣ таъсис ёфт. Дар ин марҳала Кумитаҳои инқилобӣ, Шӯроҳои деҳот, колхозҳо ва муассисаҳои аввалини давлатӣ ташкил гардиданд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур **«Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва рушди ноҳия дар замони шӯравӣ»** муаллиф ба таври муфассал ҷараёни дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоиро дар давраи ҳокимияти шӯравӣ таҳлил мекунад. Аввалан, ӯ аз барқарорсозии иқтисоди вайроншудаи давраи ҷангҳои шаҳрвандӣ, таъсиси хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ (колхозҳо ва совхозҳо) ёдовар шуда, равандҳои гузариши иқтисодиёти анъанавии деҳот ба шакли нави истеҳсолӣ шарҳ медиҳад. Сипас барномаҳои саноатигардонӣ ва сохтмони иншооти муҳандисӣ, аз ҷумла ташкилоти идораҳои сохтмонӣ, комбинатҳои масолеҳи сохтмон, пойгоҳҳои

мошину трактор ва шабакаҳои ирригатсионӣ баррасӣ мешаванд. Муаллиф таъкид мекунад, ки бо вуҷуди мушкилоти солҳои 1930–1940 (ҷанг, беқурбшавии асъор, норасоии қувваи корӣ), рушди инфрасохтори хоҷагии қишлоқ идома ёфт ва заминаи устувори иқтисодии ноҳия гузошта шуд.

Дар идома, ба сиёсати ҳизби коммунист дар соҳаи заминдорӣ ва пахтакорӣ, таъсиси нуқтаҳои механиконӣ, васеъ гардидани соҳаи обёрӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи барномаҳои умумии умумииттиҳодӣ, аз қабили "барномаи панҷсолаи аввал" ва "панҷсолаи сеюм", таъсири мустақим ба рушди Данғара гузошт. Ин марҳала ҳамчун асоси рушди минбаъдаи давраи истиқлол арзёбӣ мегардад.

Дар ҷамъбасти боб муаллиф таъкид мекунад, ки солҳои 1920–1950 давраи таҳкими асосҳои маъмурӣ ва иқтисодии ноҳияи Данғара буда, ин давра ба ташаккули минбаъдаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии он замина гузошт.

Боби дуюми диссертатсия **«Рушди кишоварзӣ ва ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара дар солҳои 50–80 асри XX»** ба таҳқиқи давраи ташаккули иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Данғара бахшида шудааст, ки аз солҳои 1950 то охири солҳои 1980 идома меёбад. Ин марҳала давраи устуворшавӣ ва таҳкими сохтори сотсиалистӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия мебошад. Муаллиф дар ин қисм нишон медиҳад, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати ҳизбу ҳукумат, Данғара аз як ноҳияи кишоварзии нисбатан ақибмонда ба маркази пешқадам ва намунавии вилояти Кӯлоб табдил ёфт.

Дар зербоби якуми ҳамин боб **«Рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар солҳои 50–80-уми асри XX»** муаллиф бо такя ба далелҳои мушаххас фаъолияти соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқро таҳлил мекунад. Дар ин давра, тибқи сиёсати умумииттиҳодии ҳизбу ҳукумат, таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаи кишоварзӣ, махсусан ба пахтакорӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ равона гардид.

Муаллиф менависад, ки аз миёнаи солҳои 1950 дар ноҳия як қатор колхозҳои калон, мисли "Пахтакор", "Коммунизм", "20-солагии Тоҷикистон" ва "Ленинобод", таъсис ёфтанд, ки марказҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ба шумор мерафтанд. Бо таъсиси ин колхозҳо системаи нави идоракунии истеҳсолӣ ва тақсими меҳнат ба роҳ монда шуд.

Муаллиф бо такя ба маълумоти бойгонӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли пахта дар охири солҳои 1970 нисбат ба соли 1950 тақрибан се баробар афзуд. Дар соҳаи чорводорӣ низ афзоиши миқдори чорво, махсусан моли майда ва чорвои калони шохдор, ба назар мерасад.

Зербоби дуюм **«Маориф ва ҳаёти фарҳангии ноҳия»** ба таҳқиқи соҳаи маориф, фарҳанг ва рушди маънавии ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки солҳои 1950–1980 давраи болоравии бесобиқаи сатҳи маърифат ва фарҳанги мардум дар Данғара мебошад.

Дар соҳаи маориф, дар нимаи дуюми асри XX шумораи муассисаҳои таълимӣ якбора афзоиш ёфт. Агар то соли 1950 дар ноҳия ҳамагӣ 15 мактаб фаъолият мекард, пас то соли 1980 шумораи онҳо зиёда аз 60 расид. Бисёр деҳаҳо бо мактабҳои миёна таъмин шуданд, ва шумораи хонандагон, махсусан духтарон, афзуд. Бо ташаббуси Вазорати маориф ва кумитаи ҳизбӣ омӯзгорони соҳибтахассус ба деҳот фиристода мешуданд. Дар бахши фарҳанг, муаллиф ба таъсиси хонаҳои фарҳанг, клубҳо, китобхонаҳо, театрҳо ва гурӯҳҳои ҳаваскорон таваҷҷуҳ мекунад. Бо дастгирии мақомоти ҳизбӣ дар маркази ноҳия Қасри фарҳанг ва Осорхонаи таърихӣ таъсис ёфт, ки дар он намоишҳои театрӣ, маҳфилҳои адабӣ ва чорабиниҳои сиёсӣ доир мешуданд.

Дар қисми ниҳоии зербоб, муаллиф сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва таъсири он ба афкори ҷамъиятиро таҳлил мекунад. Вай менависад, ки гарчанде фарҳанг зери назорати шадиди идеологӣ қарор дошт, вале маҳз дар ҳамин замина арзишҳои миллии тоҷикӣ тавассути забон, мусиқӣ ва адабиёти мардумӣ ҳифз гардиданд.

Муаллиф дар ҷамъбасти боби дуюм, таъкид менамояд, ки солҳои 1950–1980 давраи шукуфоии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара буда, заминаи устувори рушди минбаъдаи он дар давраи истиқлолро гузошт.

Боби сеюми диссертатсия **«Данғара дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)»** ба таҳлили густаришёфтаи вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар давраи нави таърихӣ, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб нишон дода мешавад, ки чӣ гуна сиёсати давлатсозӣ, барномаҳои миллӣ ва ташаббусҳои стратегӣ боис гардиданд, ки ноҳияи Данғара аз як минтақаи кишоварзии маъмулӣ ба маркази муосири саноатӣ, илмию таълимӣ ва фарҳангӣ табдил ёбад.

Муаллиф ин давраро ҳамчун марҳалаи эҳё ва навсозии иқтисодию иҷтимоии Данғара арзёбӣ намуда, таҳлили худро дар чорчӯби воқеиятҳои таърихӣ ва барномаҳои давлатӣ анҷом медиҳад. Бахшҳои ин боб се самти асосии рушд – саноат, кишоварзӣ ва фарҳангро дарбар гирифта, нишон медиҳанд, ки сиёсати давлатии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши ҳалкунанда дар тағйироти куллии ҳаёти ноҳия доштааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат аст, ки ҳар кадом як самти муҳими рушди давраи истиқлолро фаро мегирад:

Дар зербоби аввал **«Ба ноҳияи саноатӣ табдил ёфтани Данғара»** муаллиф бо такя ба маълумоти расмӣ ва манбаъҳои оморӣ ҷараёни индустриализатсияи Данғараро пас аз солҳои 1991 таҳлил менамояд. Дар оғози истиқлолият, бар асари буҳрони иқтисодии умумииттиҳодӣ ва пошхӯрии робитаҳои истеҳсолӣ, аксари корхонаҳои мавҷуда фаъолиятро қатъ карданд. Аммо аз нимаи дуюми солҳои 2000 бо татбиқи Барномаи стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007–2015 ва Барномаи рушди ҷануби мамлакат, вазъият куллан тағйир ёфт.

Муаллиф ба таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Аз ҷумла, корхонаҳои масолеҳи сохтмон, фабрикаи истеҳсоли равған, ордбарорӣ, фабрикаи нассоҷӣ ва коргоҳи коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ба фаъолият оғоз намуданд.

Илова бар ин, бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ширкатҳои муштарак, минтақаи озоди иқтисодии Данғара таъсис ёфт, ки имрӯз аз самтҳои асосии рушди саноати ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Дар ин минтақа ширкатҳои чинӣ, русӣ ва эронӣ фаъолият доранд, ки маҳсулоти коркарди амиқи маъдан ва масолеҳи сохтмон истеҳсол мекунанд.

Муаллиф инчунин нақши сиёсати Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия таъкид мекунад. Бунёди Фурудгоҳи байналмилалии Данғара, корхонаи коркарди алюминий, Маркази илмии аграрӣ, шуъбаҳои бонкӣ ва логистикӣ, ҳамчунин шоҳроҳи "Душанбе–Кулма" ҳамчун омилҳои асосии пешрафти минтақавӣ арзёбӣ мешаванд.

Дар натиҷа, Данғара дар зарфи ду даҳсола ба яке аз панҷ маркази асосии саноатии Тоҷикистон табдил ёфт, ки дар он корхонаҳои истеҳсолӣ, таълимӣ ва илмӣ бо ҳам пайваста фаъолият доранд.

Дар зербоби дуюм **«Дастовардҳои кишоварзӣ дар замони истиқлол»** муаллиф вазъи кишоварзиро ҳамчун соҳаи асосии иқтисоди ноҳия мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ӯ нишон медиҳад, ки бо татбиқи барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла "Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ", "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016–2020" ва "Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030", ноҳияи Данғара ба маркази муҳими аграрӣ табдил ёфт.

Муаллиф бо истифодаи маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки пас азислоҳоти замин (солҳои 1995–2005) ва таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ чандин маротиба афзуд. Майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона, сабзавот ва полезӣ васеъ гардиданд, инчунин соҳаи боғу токпарварӣ ба яке аз самтҳои устувори самаровар табдил ёфт.

Аз ҷумла, Данғара имрӯз аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли ангур, себ, зардолу, гандум ва сабзавот дар миёни ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷойи намоён дорад. Дар ноҳия марказҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва анборҳои сардхонагӣ ташкил шудаанд, ки содироти маҳсулоти органикиро ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамоянд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо иқтисодиётро устувор кард, балки ба болоравии сатҳи зиндагии деҳқонон, таъмини амнияти озуқаворӣ, ва мувозинати иқтисодию иҷтимоии ноҳия мусоидат намуд.

Дар поён муаллиф натиҷагирӣ мекунад, ки ислоҳоти аграрӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ноҳияи Данғараро ба маркази намунавии кишоварзии кишвар табдил додааст, ки таҷрибаи он барои дигар минтақаҳо низ қобили татбиқ аст.

Зербоби сеюм **«Данғара – маркази фарҳангии минтақа»** ба таҳаввулоти маънавию фарҳангии ноҳия пас аз истиқлол бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар баробари саноатӣ ва иқтисодӣ гардидани Данғара, ин минтақа ба як маркази муҳими илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ низ табдил ёфт.

Дар бахш пеш аз ҳама таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус мисли Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи тиббии вилояти Хатлон, коллеҷҳои омӯзгорӣ, кишоварзӣ ва тиббӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки таъсиси ин муассисаҳо на танҳо ба рушди кадрҳои маҳаллӣ мусоидат намуд, балки симои маънавию фарҳангии ноҳияро куллан дигаргун сохт.

Ҳамчунин, муаллиф ба таври муфассал рушди фарҳанги маҳаллӣ, театр, осорхонаҳо ва марказҳои нави фароғатиро баррасӣ мекунад. Бунёди Қасри фарҳанг, китобхонаҳои муосир, маркази ҷавонон ва гӯшаҳои мероси миллӣ нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти эҳёи арзишҳои миллӣ ва худшиносии фарҳангӣ дар Данғара самараи назаррас доштааст.

Муаллиф бо далелҳо нишон медиҳад, ки ин дигаргуниҳо ба баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва афзоиши фаъолияти маънавии аҳолӣ овардаанд.

Дар ҷамъбасти боб муаллиф таъкид менамояд, ки давраи истиқлол барои ноҳияи Данғара марҳалаи азнавсозии амиқ, рушди устувор ва таҳкими заминаҳои миллӣ гардид. Дар ин давра, бо роҳнамоии сиёсати давлат, ноҳия ба яке аз намунаҳои барҷастаи рушди ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт.

Муаллиф хулоса мекунад, ки таҷрибаи рушди Данғара дар даврони истиқлол метавонад ҳамчун модели муваффақи рушди минтақавӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи ватанӣ ва сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани рисолаи мазкур, баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо дар диссертатсия мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо метавонад сатҳи илмии рисоларо боз ҳам баландтар гардонад:

1. Муаллиф дар бахши муқаддима принсипҳои назариявӣ ва методологиро, аз ҷумла таърихият, воқеият, таҳлили муқоисавӣ ва хронологӣ, дуруст ва саривақт муайян кардааст. Бо вуҷуди ин, барои пурратар гардидани таҳлил, дар баъзе мавридҳо тавзеҳи возеҳтар оид ба татбиқи ин усулҳо дар раванди таҳқиқи маводи таърихӣ ва робитаи онҳо бо ҳадафҳои умумии рисола ба манфиати кор мебуд. Иловаи чанд шарҳи амалӣ ё мисолҳои мушаххас метавонист паҳлуҳои методологиро боз ҳам равшантар намояд.

2. Муаллиф аз манбаъҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва барномаҳои расмӣ фаровон истифода кардааст, ки аз заҳмати ҷиддии ӯ дарак медиҳад. Ҳамчунин, ворид кардани баъзе маълумоти муосир (махсусан пас аз соли

2015) аз гузоришҳои расмии давлат ва вазоратҳои марбута таҳқиқро боз ҳам мукаммалтар менамуд.

3. Дар поёни ҳар боб муаллиф хулосаҳои мушаххас пешниҳод мекунад, ки аҳамияти амалии хуб доранд. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани сатҳи назариявии онҳо хуб мебуд, агар дар баробари тавсифи натиҷаҳо ба таҳлили сабабҳо ва омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва демографӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид. Масалан, ҳангоми баррасии рушди саноат ва кишоварзӣ дар давраи истиқлол, ишора ба нақши сиёсати давлатии минтақавӣ ва фаъолияти ниҳодҳои идоракунӣ метавонист таҳлили илмиро ғанитар гардонад.

4. Диссертатсия ду давраи муҳим – замони шӯравӣ ва давраи истиқлолро фаро мегирад, ки муаллиф онҳоро ҷудогона хуб тавсиф кардааст. Бо вуҷуди ин, иловаи ҷадвал ё таҳлили муқоисавии муфассал байни ин ду давра (аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) метавонист арзиши илмии корро боз ҳам боло барад. Чунин муқоиса равшантар нишон медод, ки кадом соҳаҳо дар давраи истиқлол рушд ёфтанд, кадомҳо тағйир ё коҳиш ёфтанд, ва сабабҳои асосии ин фарқиятҳо дар чист.

5. Бахши адабиёти фарогир ва муътамад аст, аммо аксари манбаъҳои илмии истифодашуда ба солҳои 1970–1990 мансубанд. Бо дарназардошти пешрафти тадқиқоти муосир, ворид намудани як қатор манбаъҳои нав, аз ҷумла пажӯҳишҳои солҳои охир (2015–2023), ба таҳқиқ ҷанбаи тозатар мебахшад. Ин кор имкон медод, ки натиҷаҳои рисола ба муҳити илмии имрӯза бештар ҳамоҳанг гарданд.

6. Таҳқиқ бештар ба ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии ноҳия бахшида шудааст, ки худ як дастоварди муҳим аст. Бо вуҷуди ин, барои пурратар гардидани манзараи умумӣ, хуб мебуд, агар муаллиф дар таҳлили ниҳоӣ ба таъсири рушди Данғара ба худшиносии миллӣ ва сиёсати давлатдории миллӣ низ каме илова мекард. Масалан, баррасии таҷрибаи Данғара дар чаҳорчӯби консепсияи "рушди устувори маҳаллӣ" метавонист ба натиҷаҳои назариявӣ ранги муосиртар бахшад.

Ин нуктаҳои зикршуда характери тавсиявӣ доранд ва ба мӯҳтавои илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо имконият медиҳанд, ки кори муаллиф дар таҳрири оянда боз ҳам такмил ёбад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон аз лиҳози илмӣ, сохторӣ ва мазмунӣ ҷавобгӯи талаботи КОА буда, кори мустақилона ва арзишманди таҳқиқотӣ мебошад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои таърихи навини Тоҷикистон аст.

Хулоса, диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон **«Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шӯравӣ ва давраи истиқлол»** кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Шодмонзода Орзу Шодмон мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи **«Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шӯравӣ ва**

**истиқлол»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2025, суратмаҷлиси №3 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 20 нафар аъзои кафедра ширкат варзидаанд. Аз 20 нафар аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи кафедра ҳама барои тасдиқи тақризи мазкур овоз доданд.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.т., дотсент — Асрориён Ҷ.О.

**Эксперт:**
н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик — Хуҷасаидова Н.Х.

**Котиби илмии ҷаласа:** — Шаҳобова Д.

Имзоҳои Асрориён Ҷ., Хуҷасаидова Н., Шаҳобова Д. –ро тасдиқ менамоям, сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э. Ш.

29.10.2025